Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-0 14
назди ДДМИТ бо суроғаи ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/4

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.**

Дар шароити муосир соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба асоситарин объекти сармоягузорӣ табдил ёфтааст, зеро дар пешрафт ва рушди дилхоҳ субъекти хоҷагидорӣ нақши калидӣ дорад. Сатҳи омодагии мутахассисон, рақобатпазирӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, афзун намудани пешрафти илмӣ-техникӣ ва дар маҷмӯ беҳгардонии сатҳи зиндагӣ бевосита аз сатҳу сифати донишмандии аҳолӣ вобастагӣ дорад. Баланд бардоштани сатҳи маърифат ва саводнокии аҳолӣ яке аз сатҳои асосии сиёсати давлат дониста мешавад. Зеро дар татбиқи дилхоҳ ҳадафи гузошта нақши мутахассисони аз ҷиҳати савондонки баланд хело калон баҳогузорӣ мешавад.

Дар баланд бардоштани сатҳу сифати донишмандии аҳолӣ имрӯз дарёфт ва истифодаи сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ хело муҳим мебошад. Аммо истифода ва дарёфти сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ як масҳала бошад, масъалаи муҳимтарин ин муайян кардани сатҳи самаранокии онҳо мебошад, ки муҳимияти рисолаи диссертатсионӣ ба он равона карда шудааст.

Дар автореферат муҳаққиқ масъалаи муайян намудани самаранокии сармоягузориҳоро аз рӯи усулҳои гуногун нишон додааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки дар рушди сармояи инсонӣ нақши сармоягузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон хело калон мебошад. Таҳқиқи масъали мазкур нишон додааст, ки иқтисодиёти аз ҷиҳати илмӣ

рушдкунанда рақобатпазиртарин иқтисодиёт дар арсаи ҷаҳонӣ имрӯзҳо дониста мешавад. Яъне рӯз то рӯз нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт баланд мегардад.

Дар баробари ҳама натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар автореферат хуб мешуд муҳаққиқ омӯзиши назарияҳоро оид ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ васеътар менамуд. Масъалаи муайян намудани самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифодаи як метод нишон дода шудааст, ҳоло он ки зиёд методҳо дар ин самт мавҷуд мебошанд.

Дар баробари ин ҳама эродҳои гирифта хусусияти тавсиявӣ доранд ва мазмуну муҳтавои рисолаи диссертатсиониро коста карда наметавонанд. Инчунин инро бояд қайд кард, ки навгониҳо ва вазифаҳои дар рисола нишон нишон дода шуда асоси илмӣ дошта ба мавзӯи таҳқиқотӣ алоқаманд мебошанд.

Дар маҷмӯ, автореферати муҳаққиқ Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзӯи «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон» ба талаботҳои дар ин самт мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт арзанда мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (словянии) Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе
кӯчаи М.Турсунзода, 30 тел: (+992 37) 221-35-50.
Тел./Факс: (+992 37) 221-05-70; 227-77-53.
Почтаи электрронӣ: sultan@mail.ru

Имзои Султонов З.С - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.